**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-055**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор**

Гузариш ба низоми муносибатҳои муосири молиявӣ ва рушди низоми бонкӣ зарурати таҳия ва пешниҳод намудани шартҳои дастраси қарздиҳиро барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба миён овардааст. Ба ибораи дигар, бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои қарзии бонкӣ, рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисоди таҳлили иқтисодӣ-омрии таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, тадқиқоти илмии Солиев Б.Н. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунинии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақтӣ ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре, ки мундариҷаи автореферат нишон медиҳад мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқоти диссертатсионӣ ба Солиев Б.Н. имкон доданд, ки аз нуқтаи назари илмӣ сохтори диссертатсияро дуруст таҳия намуда, натиҷаҳои зарурии тадқиқотро бо элементҳои муайяни навгонии илмӣ ба даст орад.

Дар диссертатсия муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои зиёд тавонистааст, ки назария ва методологияи таъсиррасонии шарти қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намояд. Ҳамзамон, ба муаллиф муяссар гаштааст, ки бори аввал низоми нишондиҳандаҳои омории шартҳои қарзи бонкиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқоти махсуси оморӣ коркард намуда, барои истифодабарӣ пешниҳод намояд.

Дар рисолаи диссертатсионӣ барои муайян намудани сатҳи таъминнокии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои таъсири омилҳо андозагирӣ карда шудааст. Мувофиқи ҳисобҳои муаллиф дар соли 2018 сатҳи таъмини иқтисодиёт бо қарзҳои бонкӣ ба 6,7493 фоиз баробар буда, дар муқоиса бо соли 2010 ба андозаи 12,5291 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ҳолати ҷойдошта аз ҳисоби чунин омилҳо ба миён омадааст: ҳолати сифати сандуқи қарзӣ (-3,5102), мукаммалгардонии пойгоҳи захираҳои бонкӣ (-8,0758) ва майлнокии боварӣ ба низоми бонкӣ (-0,9431).

Ҳамзамон, ҷолиби диққат аст, ки дар диссертатсия муаллиф дар асоси истифодабарии усули гуруҳбандии таҳлилӣ (аналитикӣ) арзёбии омории таъсири нишондиҳандаи андозаи ҳаҷми қарзҳои додашудаи бонкӣ ба нишондиҳандаи рушди иқтисодиро анҷом дода, модели онро коркард намудааст.

Инчунин, ба ақидаи мо дар автореферати рисолаи диссертатсионӣ баъзе нуқтаҳои баҳснок ҷой доранд, аз ҷумла:

- натиҷаи моделсозии дар баробарии регрессионӣ, ки таъсири нишондиҳандаҳоро ба андозаи қарзҳои додашудаи бонкҳо тавсиф мекунад, баҳснок ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур аст, ки ҳолати ҷойдоштаро боз ҳам бо аргументҳои мушаххас маънидод намояд.
- асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст.
- дар матни автореферат баъзе аз хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро паст накарда, кори тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ назариявӣ иҷро карда шуда, натиҷаҳои амалии он метавонад дар пеш бурдани фаъолияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Солиеф Б.Н. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор мебошад.

**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Сардори шуъбаи методология ва**
**таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии**
**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**Бонки миллии Тоҷикистон** **Мамадалиев Ф.С.**

*Тасдиқ мекунам*
*сардори ИК БМТ*__________